**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 347.7:008 (575.3)**
**ТКБ: 67.99(2)3 (2 тоҷ.)**
**К– 23**

**КАРИМЗОДА РУХШОНА МУҲАМАДИ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ ФАРҲАНГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Душанбе – 2022**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст**

**Роҳбари илмӣ:** Сангинов Дониёр Шомаҳмадович – муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Муқарризони расмӣ:** Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон – муовини Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Давлатии тиҷорати Тоҷикистон»

Ҳимояи диссертатсия «04» октября соли 2022, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «____» ___________ соли 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **А.Қ. Назаров**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба эҳтироми шаъну шарафи инсон, таъмини озодии интихоби ҳар як узви ҷомеа аз шаклҳои иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодӣ асос меёбад. Давлат баробарии имконияту шароитро барои рушди фарҳангии шаҳрвандон таъмин намуда, самтҳо, мазмун ва шаклҳои дастгирии давлатии фарҳангро бо назардошти анъанаҳои миллӣ, сатҳи рушди сиёсию иқтисодии ҷомеа муайян мекунад.

Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибхтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд[1].

Заминаи ҳуқуқии таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи фарҳанг ва дастгирии давлатии он муқаррароти конститутсионӣ мебошад. Дар асоси моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад[2].

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қасри фарҳанги ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд иброз намуда буданд, ки: «Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат, дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, хусусан, дар зарфи солҳои охир рушди ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷомеа таъмин ва сатҳу сифати зиндагии мардуми кишварамон хеле беҳтар гардид. Рушди устувори иқтисоди миллӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки ба пешрафти соҳаҳои иҷтимоиёт, аз ҷумла фарҳанг ва бунёду азнавсозии иншооти соҳа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем»[3].

---

[1] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018., таҳти №1005 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.06.2020).

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016. – С. 15.

[3] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қасри фарҳанги ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд аз 14.09.2020 сол [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/23845 (санаи мурочиат: 02.11.2020).

Дар шароити муосир ноил шудан ба мақсаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, назорати доимии вазъи ҷомеа ва сатҳи рушди фарҳангии онро талаб мекунад. Мутобиқи Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти №501 ба вуҷуд овардани шароитҳои ҳуқуқӣ барои ҳарчи бештар ҷалб намудани маблағҳои сармоя-гузорони ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ, пули бонкҳо, даромадҳо аз шаклҳои фаъолияти пулии фарҳангӣ ва хизматрасонии пулӣ яке аз ҳадафи ниҳоиии таъмини молиявӣ ва моддӣ-техникии соҳаи фарҳанг буда, ҳалли якчанд масъалаҳоро талаб мекунад: низоми нави идоракунии санъат ва маркетинг таъсис дода шавад, хадамоти фарҳангӣ-фароғатӣ густурда, гуногунранг ва барои кулли гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ дастрас, шаффоф гардонида шавад. Дар ташкили хадамоти фарҳангӣ-фароғатӣ ба инкишофи шаклҳои моликияти ғайридавлатии муассисаҳои фарҳанг ва санъат диққати махсус дода шавад, низоми андозгузорӣ мувофиқи қонуни андоз ва усулҳои ҳавасмандкунии сармоягузорон, метсенатҳо, шахсони ҷудогона, созмонҳои ғайриҳукуматии ватанӣ ва фондҳои байналмилали, такмил дода шаванд[4].

Бо ин назардошт, дар соҳаи фарҳанг вазифаҳои ҳам табиати иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ гузошта шудаанд, ки ин аз зарурати фаъол кардани потенсиали фарҳангии Тоҷикистон, афзоиши сифатии ниёзҳои фарҳангӣ ва истироҳати шаҳрвандон ва ҳамоҳангсозии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи он гувоҳӣ медиҳад.

Биниши рушди минбаъдаи сармояи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар хусусияти зерин мушаххас карда мешавад: сатҳи маданиятнокии аҳолӣ баланд бардошта шуда, модернизатсияи фазои фарҳангӣ, дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ, ҳамбастагии фарҳанги анъанавӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, сармоягузориҳо дар рушди инфрасохтори эҷодиёт ва фароғатӣ-фарҳангӣ таъмин карда мешавад. Инчунин, дар соҳаи фарҳанг «Нуқтаҳои» асосии пешрафти назарраси институтсионалӣ инҳо мебошанд: заминаи меъёрию ҳуқуқӣ бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйиротҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар мамлакат; низоми дастгирии сармоягузориҳо ба рушди соҳаи фарҳанг[5].

Бо мақсади дастгирӣ ва рушди ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, давлат сиёсати фарҳангиро амалӣ менамояд ва аз принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои гуногуни хусусияти ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, истифода

[4] Ниг.: Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти №501 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.06.2020).

[5] Ниг.: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 октябри соли 2016, таҳти №392 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2020).

мебарад. Яке аз воситаҳои муассири ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи фарҳанг ташаккул ва инкишофи бозори хизматрасонии фарҳангӣ мебошад.

Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 буд, ки дар асоси он дар ҷумҳурӣ 2330 адад муассисаи фарҳангӣ фаъолият доранд[6].

Дар Барнома муқаррар шудааст, ки дар таъмини рушди бемайлони соҳаи фарҳанг ҳиссаи сармояи соҳибкорони ватанӣ, ҳавасмандии эҳсонкорӣ, татбиқи лоиҳаҳо бахри ҷалби сарчашмаҳои маблағгузории ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла сармояи хориҷӣ чандон назаррас нест. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза, роҳи ҳалли мушкилоти соҳаи фарҳангро танҳо дар доираи имкониятҳои иқтисодии давлат маҳдуд накарда, балки бахри пешрафти соҳа ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ, ҷоринамоии хизматрасониҳои музднок, рушди бозори сарватҳои фарҳангӣ, ривоҷу равнақи соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии эҳсонкориро ба роҳ мондан зарур аст[7].

Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ҳалли масъалаҳои фарҳангӣ на танҳо ба иқтидори иқтисодии давлат, балки ба рушди соҳа барои ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои пулакӣ, рушди бозори фарҳангӣ, рушди соҳибкорӣ ва ба роҳ мондани чораҳои ҳавасмандгардонӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин, дар шароити муосир ҳалли мушкилоти фарҳангӣ набояд бо иқтидори иқтисодии давлат маҳдуд карда шавад, балки барои рушди соҳа бештар сармояи хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ, ҷорӣ намудани хизматрасонии пулакӣ, рушди бозори арзишҳои фарҳангӣ, вусъати соҳибкорӣ ва таъсиси хайрияҳои ҳавасмандгардонӣ бояд ҷалб карда шаванд.

Аммо барои инкишофи дахлдори соҳаи фарҳанг, таъмини иҷроиши мақсаду вазифаҳои сиёсати фарҳангии кишвар, танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар Тоҷикистон масъалаҳои зерин монеа мебошанд: дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани механизмҳои нави ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, ки ба иқтисоди бозоргонӣ мувофиқат намояд; мукаммал набудани заминаи ҳуқуқии низоми хизматрасонии фарҳангӣ ба аҳолӣ, мавҷуд набудани ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ бахри ҷалби субъектони хоҷагидор дар соҳаи фарҳанг ва ғайра. Масалан, дар

[6] Аз ҷумла 1354 китобхонаи давлатию оммавӣ (ба истисноӣ Китобхонаи миллӣ), 325 қаср ва хонаҳои фарҳанг, 434 клуб, 57 клуби сайёр, 14 марказҳои фарҳангу фароғатӣ, 6 филармонияҳои халқӣ, 44 боғҳои фарҳангию фароғатӣ, 25 театри ҳалқӣ, 49 осорхона, 16 хона-осорхона, 23 ансамбли тарона ва рақс, 14 ансамбли шашмақомсарой, 6 ансамбли фалаксарой, 6 ансамбли эстрадӣ, 9 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 6 ансамбли рақсӣ.

[7] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2016, таҳти №53 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.08.2020 с.).

асоси моддаи 798 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) дар баробари дигар намудҳои хизматрасонӣ, хизматрасонии фарҳангӣ ҳамчун мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ пешбинӣ шудааст[8]. Аммо таҳлили қонунгузории соҳаи фарҳанг далели он аст, ки муқаррароти мушаххас оид ба мафҳум, намуд, махсусият ва механизми баамалбарории ин хизматрасонӣ меъёри мушаххасу мукаммал ҷой надорад[9].

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои ҳуқуқии муқараркунандаи бозори химатрасонии фарҳангӣ дар асри 20 махсусияти худро касб намуд ва боиси рушди соҳаи фарҳанг аз нигоҳи соҳибкорӣ гардид. Дар давраи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) тадқиқи мавзӯи танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Масъалаи мазкур қисман дар корҳои чунин олимони соҳаҳои алоҳидаи кишвар ба монанди: Б.В. Ғаффоров[10], А.М. Диноршоев[11], М.М. Захери[12], А.В. Золотухин[13], А.К. Каримов[14], Р.Н. Каримова[15], М.А. Маҳмудзода[16],

---

[8] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999, таҳти №885 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.01.2020 с.).

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, таҳти №1619 «Дар бораи ҳунармандӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2019, таҳти №1593 «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2012, таҳти №838 «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, таҳти №67 «Дар бораи кино»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, таҳти №32 «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002, таҳти №80 «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, таҳти №516 «Дар бораи фарҳанг»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва ғайра.

[10] Ниг.: Гаффоров Б.В. История культурно-просветительских учреждений Республики Таджикистан (1991-2011 гг.): дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2014. – 187 с.

[11] Ниг.: Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – 189 с.

[12] Ниг.: Захери М.М. Современная культура Таджикистана в зеркале иранской прессы: дис. … канд. филол. наук. – Душанбе, 2011. – 162 с.

[13] Ниг.: Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[14] Ниг.: Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 188 с.

[15] Ниг.: Каримова Р.Н. История развития культуры Таджикистана в годы независимости: 1991-2011 гг.: дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2012. – 173 с.

Э.С. Насриддинзода[17], В.А. Ойгензихта[18], М.З. Раҳимзода[19], М.Х. Саидова[20], Д.Ш. Сангинов[21], Б.А. Сафарзода[22], А. Фирдавсӣ[23], Д.Д. Хошимова[24] тадқиқ шудааст.

Дар хориҷи кишвар бошад баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси зерин таҳқиқ шудааст: М.А. Александрова[25], А.А. Ҷамбатов[26], М.В. Севостянов[27], Л.В. Федорова[28], М.Х. Шебзухова[29], Н.В. Суглаева[30], Н.А. Чернядева[31].

---

[16] Ниг.: Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 с.

[17] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 316 с.

[18] Ниг.: Ойгензихт В.А. Избранные труды. – Душанбе: «Типография ТНУ», 2019. – 740с.

[19] Ниг.: Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.; Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2021. – 400 с.

[20] Ниг.: Саидова М.Х. Функционирование и развитие физической культуры и спорта в условиях переходной экономики Республики Таджикистан: дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2004. – 155 с.; Организационно-экономический механизм развития сферы физической культуры и спорта в условиях рыночной экономики: теория, методология и практика (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … д-ра экон. наук. – Душанбе, 2017. – 41 с.

[21] Ниг.: Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг. монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 208 с.; Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 52 с.; Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности по оказанию социально-культурных услуг в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 383 с.; Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования: монография. – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 424 с.

[22] Ниг.: Сафарзода Б.А., Диноршоев А.М., Рахмон Д.С. Размышления о концепциях прав и свобод человека. – Душанбе, 2016. – 152 с.

[23] Ниг.: Фирдавси Абдулхамид. Развитие культуры Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2016 гг.): дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2017. – 133 с.

[24] Ниг.: Ҳошимов Д.Д. Услуги в системе объектов гражданских прав. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 172 с.

[25] Ниг.: Александрова М.А. Гражданско-правовой режим культурных ценностей в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2007. – 189 с.

[26] Ниг.: Джамбатов А.А. Гражданско-правовой режим объектов культурного наследия: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2005. – 199 с.

[27] Ниг.: Севостьянов М.В. Гражданско-правовой договор возмездного оказания концертных услуг: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006. – 190 с.

[28] Ниг.: Федорова Л.В. Правовое регулирование приватизации недвижимых объектов культурного наследия: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 222 с.

[29] Ниг.: Шебзухова М.Х. Правовая охрана проявлений фольклора: дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2002. – 169 с.

Ба ин нигоҳ накарда, тадқиқоти комплексии илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур дар ҶТ то ҳол гузаронида нашудааст ва дар робита бо ин зарурати гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи илмии танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар ҶТ ҷой дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи кори илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Танзими шартномавӣ ва иҷроиши уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» ва «Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» барои солҳои 2021-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ба мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ коркард шудааст, мақсади асосии тадқиқотро ифода мекунад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста аз мақсади гузошташуда, вазифаи тадқиқот инҳо мебошанд:

- таҳлилу баррасии мафҳум ва хусусиятҳои бозори хизматрасонии фарҳангӣ;

- муайян намудани махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг;

- омӯзиши намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар бозори хизматрасонии фарҳангӣ;

-тадқиқи мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ;

- муайян намудани таркиби субъективии шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ;

- омӯзиши ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии фарҳангӣ ва ҷавобгарии шартномавии тарафҳои ин шартнома;

- коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангиро фаро мегирад.

---

[30] Ниг.: Цуглаева Н.В. Гражданско-правовой оборот музейных предметов и коллекций: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2013. – 175 с.

[31] Ниг.: Чернядьева Н.А. Гражданско-правовое регулирование деятельности музеев в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Пермь, 2005. – 234 с.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** ақидаи олимон ва қонунгузориест, ки бозори хизматрасонии фарҳангӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро дар ин соҳа ба танзим медарорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссерататсияи мазкур фарогири бавуҷудой ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол оид ба бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар давоми 30 сол буда, бо назардошти ташаккули асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба хизматрасонии фарҳангӣ 4 марҳиларо дар бар мегирад: 1) солҳои 1991-1996; 2) солҳои 1997-2004; 3) 2005-2018; 4) аз соли 2019 инҷониб. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) дар бахши хизматрасонии фарҳангӣ анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти рисоларо комил сохтаанд. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2015-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷанбаҳои гуногуни проблемаи бозори хизматрасонии фарҳангӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои М.А. Александрова, Б.В. Ғаффоров, А.М. Диноршоев, М.М. Захери, А.В. Золотухин, А.К. Каримов, Р.Н. Каримова, М.А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, М.Х. Саидова, Д.Ш. Сангинов, Б.А. Сафарзода, М.В. Севостянов, Н.В. Суглаева, Л.В. Федорова, А. Фирдавсӣ, Д.Д. Ҳошимов, Н.А. Чернядева, А.А. Ҷамбатов, М.Х. Шебзухова ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шароитҳои таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи хизматрасонии фарҳангӣ мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми бозори хизматрасонии фарҳангӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон тавассути усули мантиқӣ-забонӣ бозори хизматрасонии фарҳангӣ таҳқиқ шуда, воқеияти амалишавии он дар замони муосир инъикос гардидааст. Дар раванди таҳқиқи танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ бо

истифода аз усули оморӣ шумораи истифодабарандагони хизматрасонии фарҳангӣ ва ҳолатҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ин хизмат муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ бозори хизмтрасонии фарҳангӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва унсурҳои таркибии он муайян карда шудааст. Инчунин тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бахши бозори хизматрасонии фарҳангӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст.

Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, ки дар замони истиқлоли давлатӣ бозори хизматрасонии фарҳангӣ 4 марҳилаҳои таърихиро пушти сар намудааст. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам овარданд то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода шудаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба бозори хизматрасонии фарҳангӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб меравад. Баҳри таҳлили амалияи татбиқи қонунгузории Тоҷикистон санадҳои судӣ мавриди таҳлил ва тадбиқ карор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши

гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ ба амал бароварда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Бозори хизматрасонии фарҳангӣ доираи ташаккули талабот ва пешниҳод ба хизматҳои фарҳангӣ мебошад, ки муносибати субъектҳои хоҷагидориро, ки намуди муайяни фаъолияти фарҳангиро баамал мебароранд бо истеъмолкунандагон ва давлат дарбар мегирад. Бозори хизматрасонии фарҳангӣ аз дигар намуди бозорҳои хизматрасонӣ вобаста ба хусусиятҳои зерин фарқ карда мешавад:

- ин бозор ба ғайр аз ташаккули самтҳои маҷмӯии маънавӣ ва арзишии аҳолӣ, инчунин рушди ҳаҷми хизматрасонӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд;

- давлат иштирокчии комилҳуқуқи ин бозор буда, мусоидаткунандаи ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад ва баъзан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ арзиши хизматрасониро пардохт мекунад, ки дар натиҷа хизматрасонӣ барои аҳолӣ ройгон гардида, барои субъектҳои хоҷагидории бозор даромад меорад;

- сифати хизматрасонӣ дар ин бозор аз фаъолнокии эҷодӣ ва қаноатмандӣ аз фаъолияти меҳнатии корманди ташкилоти фарҳангӣ вобаста мебошад;

- хизматҳои дар ин бозор расонидашаванда аҳмияти иҷтимоӣ дошта, ба рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ, тасдиқи эҷодкорӣ, истеъдод ва таҷриба, рушди гуногунии фарҳангӣ, эҷодкорӣ ва навоварӣ мусоидат мекунанд.

2. Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг самти махсуси фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи муттаҳиднамоии ду соҳа-фарҳанг ва тиҷорат бавуҷуд меояд. Объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг хизматрасонии фарҳангӣ мебошад, ки омили инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа мегардад. Шартҳои инкишофи устувори фаъолияти сооҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг қарорҳои асосноки иқтисодию ташкилӣ, санадҳои мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ, мусоидати молиявию қарзӣ ва идоракуни дурусти соҳаи фарҳанг мебошад, ки амалҳои мутақобилаи ҳама унсурҳои онро дар шароити муносибатҳои бозоргонии инкишофёбанда таъмин мекунад.

3. Мустақилияти хоҷагии субъектони соҳаи фарҳанг самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои ба даст овардани на танҳо маблағгузории давлатӣ, балки барои ҷалби маблағи худи истеъмолкунандагон талаб мекунад ва он рақобати афзуншавандаи бозори хизматрасонии фарҳангиро тамин менамояд. Ба шумораи омилҳое, ки инкишофи қобилияти соҳибкории субъектонро дар соҳаи фарҳанг маҳдуд мекунад, омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ ворид мешавад. Ба омилҳои эндогенӣ омилҳои муҳити дохилии худи ташкилотҳои соҳаи

фарҳанг дохил мешавад. Ба омилҳои экзогенӣ ҳолати номувофиқи муҳити институтсионалӣ, сатҳи пасти инкишофи фарҳангӣ ва қобилияти пардохт карда натавонистани маблағи хизматасонии фарҳангӣ аз ҷониби аҳолии ноҳияҳои дурдаст мебошад, ки дар онҷо рақобати солим вобаста ба хизматрасонии фарҳангӣ ҷой надорад ва ё маблағгузории давлатӣ дар ин бахш кофӣ намебошад.

4. Хизматрасонии фарҳангӣ – ин амали субъектони хоҷагидории соҳаи фарҳанг оид ба расонидани хизмати фарҳангӣ то ба истеъмолкунандагон ё оид ба амалӣ намудани функсияи таълимӣ ё тарбиявӣ мебошад. Хизматрасонии фарҳангӣ бо чунин аломатҳо аз дигар намуди хизматрасониҳо фарқ карда мешавад: хизматрасонии фарҳангӣ дар худ шаклҳои гуногуни хизматрасониро ҳамчун объекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ифода мекунад; хизматрасонии фарҳангӣ хусусияти эҷодӣ дорад ва оммавият ба он хос аст, ки дар намоиши оммавӣ ё иҷроиши оммавӣ ифода мегардад ва ба истеъмолкунанда фароғат меорад.

5. Хизматрасонии фарҳанг вобаста ба намуди фаъолият тасниф карда мешавад: а) хизматрасонии театрӣ; б) хизматрасонии телевизионӣ, радиоӣ ва мултипликатсионӣ; в) хизматрасонӣ дар сирк; г) хизматрасонии эстрадӣ (консертӣ); д) хизматрасонии осорхона; е) хизматрасонии намоишӣ; ж) хизматрасонии китобхона; з) хизматрасонӣ дар ташкил намудани идҳои оммавӣ (расму оинҳо, маросимҳо, карнавалҳо); и) хизматрасонии боғи ҳайвонот ва ғайра.

6. Вайрон кардани уҳдадории иҷрокунанда (субъекти хоҷагидории соҳаи фарҳанг) дар назди истеъмолкунанда бо назардошти муқаррароти умумӣ аз қабили набудани иттилоот оид ба маҳдудиятҳои синну соли чорабиниҳои оммавӣ, дер оғоз шудани гузаронидани чорабинӣ ё пеш аз вақт ба охир расидани он, дар беасос қатъ кардани чорабинӣ, наандешидани чора барои бехатарии истеъмолкунандагон дар чорабиниҳои фароғатӣ, ки ба меъёрҳои қонун ва ахлоқ мутобиқат намекунад, ифода мегардад.

7. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

7.1. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти фарҳангӣ» қабул карда шавад ва Қонуни ҶТ аз 13 декабри соли 1997, таҳти №516 «Дар бораи фарҳанг» аз эътибор соқит дониста шавад. Қонуни нав аз муқаррароти умумӣ, кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи фарҳанг, вазифаҳои давлат дар соҳаи фарҳанг, кормандони эҷодкор, ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, идоракунӣ ва танзими иқтисодии соҳаи фарҳанг, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг бояд иборат бошад.

7.2. Қоидаҳои хизматрасони фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад, ки дарбаргирандаи муқаррароти умумӣ, маълумот доир ба хизматрасонӣ, тартиби пардохти хизматрасонӣ, тартиби пешниҳод намудани хизматрасонӣ, масъулияти иҷрокунанда ва истеъмолкунанда доир ба пешниҳоди хизматрасонӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Тадқиқоти мазкур метавонад ҳам аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки танзими давлатии соҳаи фарҳангро ба амал мебароранд ва ҳам аз ҷониби субъектони хоҷагидории ҶТ, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи фарҳанг мебошанд, истифода бурда шавад.

Натиҷаи тадқиқот метавонад барои мукаммалгардонии қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ, таҷрибаи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои салоҳияти умумии ҶТ истифода бурда шавад.

Инчунин муқарраротҳои алоҳидаи диссертатсия метавонад барои тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин барои масъалаи танзими муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии хусусӣ ва ғайра истифода шавад. Инчунин тадқиқоти мазкур метавонад дар вақти дарс додан аз фанни «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи фарҳангӣ» ва курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии мамлакат, истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилали хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва интихоби услуби навиштани рисола саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро муайян мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия якчанд маротиба дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима шуда, 14-уми декабри соли 2021,

суратмаҷлиси №06 ба ҳимоя тавсия шудааст. Диссертатсияи мазкур дар семинари илмии Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мавриди муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст (20.01.2022 сол).

Маводи таҳқиқот, инчунин, дар маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ, васоити ахбори омма ва интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз соли 2017 ба ин тараф дар конфронсҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшинсоии ДМТ ва чорабиниҳои илмии зерин: конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16 ноябр (шаҳри Душанбе, 16-уми ноябри соли 2017); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, 18-уми майи соли 2018); конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» (шаҳри Душанбе 24-уми апрели соли 2019); семинари ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 24 ноябр (шаҳри Душанбе, 24-уми ноябри соли 2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (шаҳри Душанбе, 8-уми октябри соли 2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» (шаҳри Душанбе, 7-уми октябри соли 2021) манзур шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Ҳолатҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсия ва пешниҳодҳо дар кори илмии мазкур дар 11 мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки шаш зербобро муттаҳид мекунад, хулоса ва тавсияҳо, руйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола аз 170 саҳифа иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонӣ илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти

назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосоҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии фарҳангӣ»** муаллиф масъалаҳои мафҳум ва хусусиятҳои бозори хизматрасонии фарҳангӣ, махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг, намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар бозори хизматрасонии фарҳангиро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби якум «**Мафҳум ва хусусиятҳои бозори хизматрасонии фарҳангӣ»** рисоланавис қайд менамояд, ки дар асоси таҳлили мафҳумҳои аз ҷониби олимон (Солонин Ю.Н., Харитонова Н.Н., Пронин А.А., Хаткевич Н.Н.) пешниҳодшуда тасдиқ намудан мумкин аст, ки фаъолияти фарҳангӣ аз намудҳои зерини бахшҳо иборат мебошад: эҷодияти бадеии халқӣ; санъати театрӣ ва мусиқӣ, санъати тасвирӣ, нашри ктобҳо, фаъолияти китобхонавию иттилоотӣ, таълимот дар соҳаи фарҳанг ва омодакунии кадрҳо; тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фарҳанг.

Ба андешаи муаллиф, фаъолияти фарҳангӣ – ин фаъолияти асосии субъектони он дар истеҳсолот, таҷдид, истеъмол, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии арзишҳои фарҳангӣ ва хизматрасонӣ ба воситаи ташкил ва гузаронидани вақти озод мебошад. Аломати фаъолияти фарҳангӣ инҳо мебошанд: он намуди муҳимтарини фаъолият дар соҳаи ҳаёти ҳаррӯза ҳам одамони алоҳида ва ҳам ҷамъият мебошад; он хусусияти инкишофёбандаро дорад, ки аз ҷониби кормандони фарҳанг ва санъат дар асоси касбӣ ва ғайрикасбӣ дар вақти озод ё кори он ба амал бароварда мешавад. Фаъолияти фарҳангӣ дар ҳолате рушд менамояд, ки барои он талабот мавҷуд бошад, яъне бозори мукаммали хизматрасонии фарҳангӣ дар кишвар амал кунад.

Ташаккули бозори хизматрасонии фарҳангӣ ба андешаи рисоланавис раванди рушдбахшанда ва универсалии бозсозӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ мебошад, ки аз ҳисоби афзоиши суръати тараққиёт ва такмили инфраструктураи он ба кулли аҳолӣ хизмат мерасонад. Дар навбати худ, ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ, бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар маҷмӯъ низоми муайяни муносибатҳо мебошад, ки ба шахсони воқеӣ аз ҷониби субъектони хоҷагидорӣ соҳаи фарҳанг як қатор хизматрасониҳо мерасонанд, ки ҷузъи таркибии соҳаи фарҳанг мебошад.

Инчунин рисоланавис зикр намудааст,ки дар шароити муосир дар назди соҳаи фарҳанг вазифаҳои дорои хислати иҷтимоӣ ва иқтисодие истодаанд, ки ин ба зарурати ба кор андохтани неруи фарҳангии давлат, афзоиши сифатии талаботи иҷтимоию фарҳангии шаҳрвандон, ба ҳам мутобиқ намудани тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи он алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, рушди бозори хизматрасонии фарҳангӣ, ки ба ташаккули самтҳои куллии маънавӣ ва арзишии аҳолӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии мардум таъсир мерасонанд, зарур аст.

Давлат бо мақсади дастгирӣ ва рушди муассисаҳои фарҳанг сиёсати фарҳангиро амалӣ намуда, аз принсипҳо, усулҳо ва воситазои гуногуни дорои хусусияти ташкилию ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисоди истифода мебарад. Яке аз намунаҳои воситаҳои муассири ҳавасмандгардонии субъектони хоҷагидор дар соҳаи фарҳанг ташаккули бозори хизматрасонии фарҳангии кишвар аст. Сарфи назар аз саъю кӯшишу дастгирии давлат, татбиқи муқаррароти сиёсати давлатии фарҳангӣ оид ба истифодаи нерӯи соҳа барои рушди иқтисодиёт бинобар гуногун будани намуд ва шаклҳои ташкилотҳое, ки доираи васеи хизматрасониро мерасонанд, инчунин хусусиятхои истеъмоли онҳо душвор мебошад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанги Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки зинаҳои мавҷудаи бозори хизматрасонии фарҳангӣ бояд дар чунин шароитҳо гузошта шаванд, ки онҳо бе таъсири иловагии давлатӣ, қадам ба қадам ба ҳал кардани вазифаҳои муҳим гузаранд – таъсис додани шароити худинкишофёбии фарҳанги муосир, худамалисозии субъектони гуногуни давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва алоҳида, ки ба танзим шудани фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ, таъмин намудани ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва гуногунранги фарҳангӣ дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мерасонад.

Рушди бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар Тоҷикистон аз як тараф ба кам кардани хароҷоти буҷет ҳангоми маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг оварда расонида, аз тарафи дигар боиси ғани шудани буҷет аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои соҳаи фарҳанг бо назардошти гирифтани фоида аз фаъолияти соҳибкории онҳо дар бозори хизматрасонии фарҳангӣ мусоидат менамояд. Дар асоси таҳлили андешаи олимон муаллиф ба хулоса омадааст, ки бидуни танзими давлатӣ ва маблағгузории давлатӣ ба соҳаи фарҳанг аз як тараф ва фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди бозори хизматрасонии фарҳангӣ ноил шудан ба мақсадҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ғайриимкон аст.

Дар идомаи рисола муаллиф бо назардошти таҳлили андешаи олимон ва қонунгузории кишвар дар соҳаи фарҳанг ба хулоса меояд, ки бозори хизматрасонии фарҳангӣ доираи ташаккули талабот ва пешниҳод ба хизматҳои фарҳангӣ мебошад, ки муносибати субъектҳои хоҷагидориро, ки намуди муайяни фаъолияти фарҳангиро баамал мебароранд бо истеъмолкунандагон ва давлат дарбар мегирад. Бозори хизматрасонии фарҳангӣ аз дигар намуди бозорҳои хизматрасонӣ вобаста ба хусусиятҳои зерин фарқ карда мешавад: ин бозор ба ғайр аз ташаккули самтҳои маҷмӯии маънавӣ ва арзишии аҳолӣ, инчунин рушди ҳаҷми хизматрасонӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд; давлат иштирокчии комилҳуқуқи ин бозор буда, мусоидакунанади ташкили хизматрасониҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад

ва баъзан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ арзиши хизматрасониро пардохт мекунад, ки дар натиҷа хизматрасонӣ барои аҳолӣ ройгон гардида, барои субъектҳои хоҷагидории бозор даромад меорад; сифати хизматрасонӣ дар ин бозор аз фаъолнокии эҷодӣ ва қаноатмандӣ аз фаъолияти меҳнатии корманди ташкилоти фарҳангӣ вобаста мебошад, хизматҳои дар ин бозор расонидашаванда аҳмияти иҷтимоӣ дошта, ба рушди ҳамбастагии иҷтимоӣ, тасдиқи эҷодкорӣ, истеъдод ва таҷриба, рушди гуногунии фарҳангӣ, эҷодкорӣ ва навоварӣ мусоидат мекунанд.

**Дар зербоби дуюми боби якум «Махсусияти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг»** муаллиф қайд менамояд, ки ҳавасманд гардонидани инкишофи фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратии фарҳангӣ, бояд аз ҷониби давлат бо ҳама усулҳои мавҷуда барои таъсис додани манфиатдории бевоситаи ҳам роҳбарият ва ҳам сармоягузорони эҳтимолӣ ба амал бароварда шавад. Гузаронидани маблағҳои мақсаднок, карзҳои имтиёзнок (дар зери кафолати давлат) дар вақти истеҳсолоти маҳсулоти дуюмдараҷа ва азхуд кардани бозорҳои дуюм, ҷудо кардани пулдиҳии буҷетӣ ба мустаҳкам кардани пояи моддию техникӣ, ки имкон медиҳад маҳсулоти босифат ва маҳсулоте, ки дорои талаботи фарҳангӣ мебошад, ҳавасмандгардонии дастгирии маблағгузорӣ ва ҳомигии фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ба воситаи на танҳо зиёд намудани имтиёзҳои андоз, балки бо ташкил намудани муҳити ифтихорӣ ва соҳибэҳтиром мебошад – ин номгӯи нопурраи он чи, ки давлат бояд амалӣ намояд. Аз рӯи табиати худ, муассисаҳои фарҳангӣ бояд дар асоси сарпарсатии моддию техникӣ ва молиявии сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ кор кунанд. Аммо дастгоҳи маблағгузории сметавии барои бисёре аз муассисаҳои фарҳангӣ мавҷудбуда дар шароити муосир ғайрисамаранок эътироф мешавад. Ба даст овардани пешравии иқтисодиёти инноватсионии муассисаҳои фарҳангӣ дар шароити муосир мураккаб гардидааст. Дар роҳи инкишоф монеаҳо инҳо мебошанд: маҳдудкунии сунъии ташаббуси эҷодии хоҷагӣ ва тезҳаракатии ҳама захираҳои истеҳсолӣ, ҳукмронии бемаҳдуди моликият дар ҳолати назорати бартаридошта, то ба худи дахолат ба идоракунии муассиса, ки наметавонад шароити зарурииро барои эҷодкорӣ ва ташаббускорӣ таъмин намояд. Дастгоҳи татбиқшавандаи маблағгузории сметавӣ фаъолияти муассисаро бо ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас пайваст намекунад, муассисаи фарҳангро водор месозад, ки дорои дигар сарчашмаи ғайридавлатии таъсисдиҳии воситаҳои маблағгузор бошад, ки дар вақти зарурӣ аз онҷо ба даст оварда шавад. Чунин сарчашмаи маблағгузорӣ дар шароити муосир фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Муаллиф моҳияти ҳуқуқии соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳангро таҳлил намуда, такид менамояд, ки соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг дорои иқтидори бузург мебошад. Аммо як қатор омилҳои манфӣ вуҷуд доранд, ки ҷараёни

инкишофи соҳибкориро дар ин соҳа бозмедоранд. Ин набудани ҳавасмандгардониҳои андоз, мушкилотҳо бо таъминкунии моддию техникии корхонаҳои соҳаи фарҳанг ва дигар омилҳо мебошанд. Фаъолияти соҳибкорӣ ба ташкилотҳои соҳаи фарҳанг имкон медиҳад усулҳо ва тарзҳое, ки дар ҷаҳони бозор, рақобат вуҷуд дорад истифода барад, пеш бурдани фаъолияти хоҷагидориро омӯзад, даромад гирад, чунин маҳсулот ва хизматҳо таъсис диҳад, ки аз ҷониби истеъмолкунандагони эҳтимолӣ талабот дорад. Соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг ин на ҳар тиҷорат, ин тарзи хоҷагидорӣ мебошад, ки ба он принсипи навоварӣ, зидди расмиятпарастӣ, ташаббуси доимӣ, дар ҷараёни истеҳсолот ба ҷорӣ намудани навоварӣ равона будан, маркетинг, паҳн ва истеъмол кардани маҳсулоти фарҳангӣ мебошад. Дар фаъолияти соҳибкории худ ташкилоти фарҳанг ба корхона баробар мебошад ва дар зери амали қонунгузорӣ оид ба корхонаҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ меафтад.

Ба фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ё маҳаллии фарҳангӣ ба мақсадҳои зерин ворид мешаванд: амалисозӣ ва ба иҷора додани фондҳо ва молумулки асосии ташкилоти фарҳангӣ ба мақсадҳое, ки бо фаъолияти фарҳангӣ алоқаманд намебошад; савдои молҳо, таҷҳизотҳои ба фурӯшраванда; хизматрасонии миёнравӣ; иштироки корӣ дар фаъолияти корхонаҳо, муассиса ва корхонаҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла фарҳангӣ); ба даст овардани саҳмияҳо, вомбаргҳо, дигар қоғазҳои қимматнок ва гирифтани даромадҳо аз онҳо (дивидендҳо, фоизҳо); ба амал баровардани фаъолият, ки даромади дар оинномa пешбининашударо ба даст меорад, иҷрои амалиётҳо, кор, хизматрасонӣ.

Рисоланавис зикр менамояд, ки шояд тасодуфӣ набошад, ки дар қонун шарҳе ҷой дорад, ки он нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, ки ба фаъолияте машғул ҳастанд, ки мақсади ба даст овардани фоидаро надоранд, татбиқ намешавад ва ин воситаҳои ба дастомадаро аз андозбандӣ озод мекунад. Объекти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг ашёҳо ва хизматрасониҳо, инчунин маҳсулоти фарҳангӣ мебошад, ки дар худ аломати мол ва хизматрасониро дарбар мегирад. Ҳама таркиби моддиро, ки дорои арзиши фарҳангӣ мебошад, ашё шуморидан мумкин аст, масалан фитаҳо, китобҳо, расмҳо ва ғайра.

Ба андешаи муаллиф дар айни замон, дар шароити инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ ва зиёд кардани шумораи истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои фарҳангӣ, рақобат дар соҳаи фарҳанг байни соҳаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии иқтисодиёт барои ҳисса дар бозори истеъмолӣ, сарчашмаи маблағгузорӣ ва захираҳои меҳнатӣ фаъолона инкишоф ёфта истодааст. Маҳз барои ҳамин корхонаҳои давлатӣ, бо назардошти ислоҳоти буҷети Тоҷикистон, ки гузариш ба шакли нави маблағгузорӣ ва шакли нави ташкилию ҳуқуқиро дар назар дорад, на танҳо бо соҳаи ғайридавлатӣ,

балки бо самти давлатии соҳаи фарҳанг низ рақобат карда истодааст. Шароити рақобати бозорӣ дар мубориза барои истеъмолкунандаи маҳсулоти фарҳангӣ мавҷуд будани ваколатҳои муайянро аз менеҷерҳо, ки ба онҳо имкон медиҳад фаъолияти ташклоти ҳам соҳаи давлатӣ ва ҳам соҳаи ғайридавлатиро амалӣ намояд. Дар соҳаи фарҳанг ҳукумат дастгирии давлатии фарҳанг ва нигоҳдории мероси фарҳангиро пешниҳод мекунад. Дар соҳаи иқтисодиёт, ки онро тиҷорати фарҳангӣ, инчунин масъалаҳои моликиятӣ фаро мегирад, давлат ягонагии макони иқтисодӣ ва озодии фаъолияти иқтисодиро таъмин мекунад, инкишофи иҷтимоию иқтисодиро пешгӯӣ мекунад, барномаи иникшофи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро коркард ва амалӣ мегардонад, моликиятро идора мекунад, барои ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони мол, кор ва хизматрасонӣ чораҳо меандешад.

Ҳамин тавр, фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг самти махсуси фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи муттаҳиднамоии ду соҳа-фарҳанг ва тиҷорат бавуҷуд меояд. Объекти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг хизматрасонии фарҳангӣ мебошад, ки омили инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа мегардад. Шартҳои инкишофи устувори фаъолияти сооҳибкорӣ дар соҳаи фарҳанг қарорҳои асосноки иқтисодию ташкилӣ, санадҳои мукаммали меъёрию ҳуқуқӣ, мусоидати молиявию қарзӣ ва идоракуни дурусти соҳаи фарҳанг мебошад, ки амалҳои мутақобилаи ҳама унсурҳои онро дар шароити муносибатҳои бозоргонии инкишофёбанда таъмин мекунад.

Дар зербоби сеюми боби якум «**Намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар бозори хизматрасонии фарҳангӣ**» муаллиф ба он ишора менамояд, ки дар марҳилаи кунунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар марҳилаи ташаккул ва рушди низоми хизматрасонӣ қарор дорад, дар ҳоле, ки амалияи байналмилалӣ дар ин самт босуръат рушд ёфтааст. Барои бомуваффақият кор кардани соҳаи хизматрасонӣ кишвар бояд ҳам заминаи назариявӣ ва ҳам амалӣ устувор гардонида шуда, татбиқ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ амри зарурӣ аст. Маслан дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар доираи GATT/WTO зиёда аз 160 намуди хизматрасонӣ ба инобат гирифта мешавад, ки ба 12 бахш тақсим шудаанд. Таснифи хизматрасониҳои СММ зиёда аз 500 намуд ва зернамудҳоро дар бар мегирад, ки дар 6 гурӯҳи соҳавӣ муттаҳид шудаанд.

Ба андешаи муаллиф хизматрасонии фарҳангӣ амали субъектони хоҷагидории соҳаи фарҳанг оид ба расонидани хизмати фарҳангӣ то ба истеъмолкунандагон ё оид ба амалӣ намудани функсияи таълимӣ ё тарбиявӣ мебошад. Хизматрасонии фарҳангӣ бо чунин аломатҳо аз дигар намуди хизматрасониҳо фарқ карда мешавад: хизматрасонии фарҳангӣ дар худ шаклҳои гуногуни хизматрасониро ҳамчун объекти ҳуқуқи соҳибкорӣ

ифода мекунад; хизматрасонии фарҳангӣ хусусияти эҷодӣ дорад ва оммавият ба он хос аст, ки дар намоиши оммавӣ ё иҷроиши оммавӣ ифода мегардад ва ба истеъмолкунанда фароғат меорад.

Рисоланавис зикр менамояд, ки дар хизматрасонӣ урфу одатҳо, анъанаҳо, самтҳо ва афзалиятҳои шахсӣ таъсир мерасонанд. Хизматрасонии фарҳангӣ одатан ба қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагон нигаронида шудааст. Бо назардошти шароити фарҳангӣ, талаботи фарҳангӣ ҷузъи ҳатмии самти он мебошад. Аз ин рӯ, арзиши истеъмолии хизматрасонии фарҳангӣ аз арзиши фарҳангии он вобаста аст. Хизматрасонии фарҳангӣ пеш аз ҳама бояд як андоза арзиши истифода дошта бошад, яъне неъмати фарҳангӣ. Бо вуҷуди ин, дар баробари бахши бартаридоштаи хизматрасонии пулакӣ дар моделҳои муосири иқтисодӣ, як қатор хизматҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Нисбат ба фарҳанг танҳо он неъматҳои фарҳангӣ ба назар гирифта мешаванд, ки дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ, истеъмолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи воқеии фарҳангӣ бошанд.

Дар асоси таҳлили адабиёт муаллиф ба хулоса меояд, ки хизматрасонии фарҳанг вобаста ба намуди фаъолият тасниф карда мешавад: а) хизматрасонии театрӣ; б) хизматрасонии телевизионӣ, радиоӣ ва мултипликатсионӣ; в) хизматрасонӣ дар сирк; г) хизматрасонии эстрадӣ (консертӣ); д) хизматрасонии осорхона; е) хизматрасонии намоишӣ; ж) хизматрасонии китобхона; з) хизматрасонӣ дар ташкил намудани идҳои оммавӣ (расму оинҳо, маросимҳо, карнавалҳо); и) хизматрасонии боғи ҳайвонот (террариумҳо, делфинариҳо, океанариумҳо) ва ғайра.

Муаллиф баҳри дуруст ва босифат расонидани хизмат пешниҳод менамояд, ки Қоидаҳои хизматрасони фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад, ки дарбаргирандаи муқаррароти умумӣ, маълумот доир ба хизматрасонӣ, тартиби пардохти хизматрасонӣ, тартиби пешниҳод намудани хизматрасонӣ, масъулияти иҷрокунанда ва истеъмолкунанда доир ба пешниҳоди хизматрасонӣ мебошад.

Дар боби дуюми рисола «Ш**артнома ҳамчун воситаи ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ»** муаллиф масоили мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ, таркиби субъективии шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии фарҳангӣ ва ҷавобгарии шартномавии тарафҳои шартномаро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки дар иқтисоди бозоргонӣ шумораи зиёди хизматрасонии фарҳангӣ маълум гардид, ки боз ҳам бо шартнома ифода мегардад, аммо дар назария ва қонунгузорӣ мафҳуми қонунии истилоҳи «хизматрасонии фарҳангиро» вонамехӯрем, мутаносибан мафҳуми шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ

низ вуҷуд надорад. Чунин дар қонунгузорӣ хотиррасон намешавад, ки ба ақидаи мо камбудии муҳим дар танзими ҳуқуқии хизматрасонӣ мебошад, ба он нигоҳ накарда, ки шартнома оиди хизматрасонии пулакӣ умуман барои ҳуқуқи граждании ватанӣ нав мебошад. Чунин намуди шартнома то 11 декабри соли 1999 дар қонунгузории граждании мо вуҷуд надошт, гарчанде воқеан баъзе аз намудҳои хизматрасонии пулакӣ расонида мешуд, онҳо дар ягон намуди шартнома ҷой намегирифтанд. Аз аввал хизматрасонӣ ва иҷрои кор бо шартномаи пудрат ба танзим даровarда мешуд.

Рисоланавис зикр менамояд, ки хусусияти муҳими шартномаи хизматрасонии фарҳангӣ дар он ифода мегардад, ки он метавонад ҳам оммавӣ бошад ва ҳам чунин набошад. Ба кадоме аз ин намудҳо шомил гардидани шартномаи мазкур аз таркиби субъективии он вобаста аст.

